**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ, Худоёрзода Раҷабалӣ Сара ба диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми насри муосир равона гардидааст. Ӯ дар рисолаи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» масъалаи мазкурро мавриди тадқиқу таҳлили ҳаматарафа қарор дода, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Ёдрас мешавем, ки рисола аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва китобнома иборат буда, дар он масъалаи насри таърихии Аброр Зоҳир мавриди тадқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар қисмати муқаддима муҳиммияти мавзуи тадқиқ, дараҷаи тадқиқи мавзуъ баён гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ низ равшан нишон дода шудааст. Ҳадафи аслии таҳқиқ ин муайян намудани зиндагинома, мероси адабӣ, махсусан таҳлили вижагиҳои насри таърихии Аброр Зоҳир ба шумор меравад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи он ба хубӣ баромадааст. Дар бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот» мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма ва пойгоҳи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот баён гардидааст.

Дар диссертатсияи мазкур бори нахуст дар адабиётшиносии муосири тоҷик зиндагинома ва осори адабии нависанда Аброр Зоҳир ба тарзи мукаммалу ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ дар баробари таъйин ва таҳқиқи ҷанбаҳои вижаи насри таърихии нависанда, инчунин симоҳои адабию таърихии онҳоро низ дар

эҷодиёти муаллиф мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор додааст. Сабабҳои ба насри таърихӣ рӯй овардани нависанда, маҳорати нигорандагӣ дар эҷоди симоҳои адабию илмӣ ва адабию таърихӣ дар романҳои таърихии «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» аз ҷониби муҳаққиқ нахустин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик мавриди тадқиқ ва баррасии мукаммал қарор гирифтааст, ки шоистаи тамҷид мебошад. Баъдан ӯ дар нӯҳ банд нуктаҳои асосии диссертатсияро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, нишон намудааст.

Муҳаққиқ боби якуми диссертатсияро, ки **«Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир»** ном дорад, дар се зербоб мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки қобили қабул мебошанд.

Зербобҳои боби якуми диссертатсия, ки «Зиндагиномаи Аброр Зоҳир», «Мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳир» ва «Нақду баррасии осори Аброр Зоҳир» унвонгузорӣ шудаанд, муҳаққиқ ҳаёт ва эҷодиёт, тамоми номгӯи осори манзуму мансур, филмнома ва мақолоти нақдиву публитсистии нависандаро муфассал зикр намудааст. Тибқи баррасии муҳаққиқ мероси нависанда аз 28 роман, 17 повест, 4 гротеск, 2 очерк, 5 ҳикоя, 3 маҷмуаи ашъори назму насри бачагона, 1 маҷмуаи афкори панду андарзи банашррасида инчунин, зиёда аз 10 филмнома иборат мебошад.

Баъдан ӯ хулосаҳои илмии худро доир ба боби якуми рисола дар панҷ банд нишон додааст, ки қобили қабул ва мавриди эътимод мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир»** ном дорад, унвонҷӯ мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброри Зоҳирро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия, ки «Инъикоси чеҳраҳои таърихӣ дар романи «Мунтасир»» ном дорад, чеҳраҳои таърихии Сулолаи Сомониён ва дигар симоҳои таърихии он давра мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла зимни баррасии романи «Мунтасир» симоҳои мисли Абуиброҳими Исмоил, Насри Илокхон,

Абдумалик бародари Абуиброҳими Исмоил, Умархон, Арслон Балу, Алптегину Сабуктегин, Туғон ва ғайра зикр шудаанд, ки ҳама воқеияти таърихӣ доранд.

Ҳамчунин унвонҷӯ чеҳраҳои дар романи «Мунтасир» дарёфтаашро ба чор гурӯҳ ҷудо намудаст: «1. тарафдорони барқароршавии давлати Сомониён; 2. муқобилони барқароршавии давлати Сомониён; 3. ашхосе, ки амал ё рафторашон дар назар холисонаанд; 4. шахсоне, ки барои манфиатҳои шахсӣ дар аввал худро тарафдори Сомониён нишон дода, баъдан даст ба хиёнат мезананд».

Ҳамчунин дар романи таърихии «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» низ муҳаққиқ симоҳои адабию таърихиро мушаххас намуда, чеҳраҳои мусбат ва ё манфӣ будани онҳоро бо далелҳои илмӣ нишон додааст.

Ёдовар бояд шуд, ки унвонҷӯ зимни таҳқиқи романҳои таърихии «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ», инчунин романҳои таърихии «Шикасти зулмот», «Арсаи набарди гургон», «Ёри ғор», «Муқовимат» ва ғайраро мавриди баррасӣ ва истифода қарор додааст, ки ин боиси ҳаматарафа ва мукаммалтар гардидани тадқиқот гардидааст. Муҳаққиқ хулосаҳои аз ин боб даровардаашро дар 10 банд пешниҳод кардааст, ки ҳама асоси илмӣ доранд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** ном дошта, дар он сабку нигориш, услуб ва дигар махсусиятҳои бакорбурдаи нависанда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Ин боб ҳам бо се зербоб тақсим гардида, дар онҳо сабки баён ва мухтассоти забонӣ, истифодаи ашъор дар онҳо, шеваҳои корбурди зарбулмасалу мақол дар романҳои таърихии нависанда мавриди тадқиқ қарор гирифта шуда, инчунин дар охири он хулосаҳои тадқиқ низ нишон дода шудааст.

Дар қисмати охир муҳаққиқ хулосаҳои аз ин боб даровардаашро дар 10 банд пешниҳод кардааст, ки мавриди эътимоди аҳли илм мебошад.

Ҳамчунин унвонҷӯ дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз тадқиқи анҷомдодааш дар дувоздаҳ банд баён намудааст, ки ҳама асоси илмӣ доранд. Аз қисмати китобномаи диссертатсия маълум мегардад, ки унвонҷӯ барои илман асоснок сохтани кор 53 манобеи адабӣ, 103 адабиёти илмӣ ва 23 фарҳангу луғатҳо (ҷамъ 179)-ро мавриди истифода қарор додааст.

Хулоса, ҳар як кори анҷомёфта дар баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиву нуқсонҳое низ дорад, ки дар оянда онҳоро ислоҳ кардан мебояд. Кори анҷомдодаи унвонҷӯро дар баробари баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ, метавон мусбӣ арзёбӣ кард. Боварӣ дорем, ки Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар оянда мавзуъи мазкурро боз ҳам васеътару густурдатар мавриди пажӯҳиш қарор дода, баъзе масоили аз назараш дурмондаро низ ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими забон
ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Худоёрзода Р.С.
«_17_»_09_ соли 2025.

Имзои Худоёрзода Р.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.
«_18_»_09_ соли 2025.

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
тел. (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53.
www.btsu.tj Почтаи электронӣ:bgu-1978@mail.ru